# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ ва таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, киберҷиноятҳо ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ мубрам арзёби мегардад. Мубрамияти таҳқиқот бо он асоснок мегардад, ки дар баробари рушди унсурҳои сохтори иттилоотии ҷомеа, ки барои фаъолияти муназзами ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ аҳаммияти муҳим доранд, инчунин таҳдиду хатарҳое пайдо мешаванд, ки ҳимояи манфиатҳои миллӣ, бахусус суботи сиёсиро халалдор месозанд. Аз ин рӯ, таъмини амнияти иттилоотӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ ба он, дар шароити ҷаҳони муосир ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни он барои ҳар як давлат аҳаммияти илмию амалӣ дорад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо, бешубҳа, бо мубрамии худ фарқ менамояд. Унвоҷӯ дуруст иброз намудааст, ки хунукназарии шахсии масъул оид ба амнияти як низоми иттилоотӣ дар дилхоҳ самти фаъолият, рафтори хатарноки ташкилоти хидматрасон ва ё як корманди он, ки бемасъулияти ҳаёти шахсӣ ва касбиро омехта мекунад, метавонад ба аз даст додани дастрасӣ, махфият ва ё тамомияти нишондодҳои асосӣ, боздоштани фаъолияти объектҳои гуногуни инфрасохтори муҳим, талафоти иқтисодӣ, садамаҳои истеҳсолӣ, талафоти одамон, зарарҳои экологӣ ва вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ оварда расонад, ки метавонанд ба ҳаёти тамоми кишвар таъсири ҷиддӣ расонад.

Дисертант ба маврид зикр менамояд, ки стратегияи миллӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ бояд бештар ба қобилияти коҳиш додани хатарҳои эҳтимолӣ нигаронида шавад. Ғайр аз татбиқи сиёсати амнияти иттилоотӣ, сиёсати зарурии техникӣ ва фароҳам овардани муҳити эътимод, ки табдили рақамии ҷомеаро дастгирӣ мекунад, шаҳрвандон, ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро дар фазои маҷозӣ муҳофизат мекунад, бояд рушд дода шавад. Тавре дар автореферат зикр карда шудааст, таъмини амнияти иттилоотӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ, бидуни иқтидори илмӣ, техникӣ ва истеҳсолӣ, ки барои ҳифзи иттилооти соҳибихтиёрӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва рушди иқтисоди боэътимоди рақамӣ заруранд, ғайриимкон аст. Барои муқовимати самаранок бо ҳамлаҳои киберӣ ба олимони ватанӣ зарур аст, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар соҳаи амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ ва дар маҷмуъ, барои фароҳам овардани муҳити боэътимоди рақамӣ таҳия намоянд.

Дар маҷмуъ нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии диссертатсия, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳаммияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқ мақсад ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузоштааст, муваффақона ба даст овардааст. Вазифаҳои таҳқиқот бо муқаррароти барои ҳимоя баровардашуда алоқамананданд. Автореферат ба сохтор ва мундариҷаи диссертатсия комилан мувофиқат намуда, унсурҳои зарурӣро дар бар мегирад. Сохтори диссертатсия ба ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи илмии таҳқиқот пурра мутобиқ буда, дар се боб масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ, ҳуқуқи муқоисавӣ ва мушкилоти амалии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот таҳлил шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили дастовардҳои муосири илми ҳуқуқшиносӣ, тарҳрезии дақиқи

таҷриба, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқ аст, истифодаи таҳлили сифатӣ ва амалисозии маълумоти бадастомада таъмин гардидааст.

Аз мазмуни автореферати Исозода Файзиддин Исо маълум мегардад, ки ӯ тавонистааст ба таври илмӣ масалаҳои баҳсталаби зерини соҳаро таҳқиқ ва роҳҳои ҳалли онро пешниҳод намояд аз он ҷумла: таҳқиқи мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дур ва наздик ва пешниҳод кардани роҳҳои амалӣ барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳкими қонунгузории ҷиноятӣ.

Дар баробари ҷанбҳаҳои мусбати кор дар автореферати диссертатсия нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ низ ҷой доранд. Аз ҷумла, муаллиф ҷиҳати мушаххас ва пурра намудани диспозитсияи м. 301 КҶ ҶТ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ чунин муқарраротро барои мукаммалгардии КҶ ҶТ пешниҳод менамояд: банди д) боиси нобудшавӣ ва ё басташавӣ, иттилоот гардида бошад. Пешниҳоди мазкур дар сатҳи авторефрат чандон асонок карда нашудааст, хуб мешуд муаллиф онро дар рафти ҳимоя асоснок менамуд.

Эроди ишорашуда, дар умум, хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ мазмуну моҳият ва эътибори баланди корро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалӣ, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардида сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасари бобҳо ва зербобҳои

диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Бо дарназардошти дараҷаи баландии мубрамият, сатҳи назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ ва арзиши амалӣ, таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 1 майи соли 2025, №264) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Прокурори шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои
кибернетикии Прокуратураи генералии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
мушовири адлияи дараҷаи 3 Саидзода А.М.

**Суроғаи муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ 21/2, хонаи 26; E.mail: s.abdulmajid.m@mail.ru
Тел.: +992 011-88-88-88

Имзои А.М. Саидзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи мубориза бо
ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи
генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
генерал-лейтенанти адлия Ваҳобов В.М.
«30» январи 2026 с.

**Суроға:** ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино, 126;
Тел.: +992 (37) 236-71- 40; E.mail: www.prokuratura.tj